# Ба дурустӣ, маро аз (коре) бузург суол кардӣ. Дар ҳақиқат ин (кор) танҳо бар касе осон аст, ки Худои Таъоло онро бар вай муяссар гардонад

Аз Муъоз ибни Ҷабал (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Дар сафаре ҳамроҳи Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) будам, дар ҳоли роҳ рафтан ба ӯ наздик шудам ва ба ӯ гуфтам: Эй Пёмбари Худо, аз амале бароям бигӯ, ки маро ба биҳишт дохил кунад ва аз оташи дӯзах дур созад". Паёмбар гуфт: «Ба дурустӣ, маро аз (коре) бузург суол кардӣ. Дар ҳақиқат ин (кор) танҳо бар касе осон аст, ки Худои Таъоло онро бар вай муяссар гардонад: Худоро ибодат кунӣ ва ба Ӯ ҳеҷ чизро шарик муқаррар насозӣ; ва намоз бигузорӣ; ва закот бидиҳӣ; ва (моҳи) Рамазонро рӯза бидорӣ; ва Хонаро ҳаҷ бикунӣ». Сипас гуфт: «Оё туро ба дарвозаҳои хайр далолат кунам?: Рӯза сипар аст (ки рӯзадорро аз азоби дӯзах нигоҳ медорад); ва садақа гуноҳро маҳв месозад, ҳамчуноне, ки об оташро хомӯш месозад; ва (дигаре аз дарвозаҳои хайр) намози мард дар нимаи шаб (аст)». (Ровӣ) гуфт: "Пас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) (ин оятро) тиловат кард: (Дар ними шаб) паҳлӯҳояшон аз бистарҳо дур мешавад (ва хоби ширинро тарк гуфта ва ба ибодати Парвардигорашон мепардозанд) [Сураи Саҷда, ояти 16]. Сипас гуфт: «Оё туро аз саромади ҳамаи корҳо, сутуни он ва баландтарини он хабар диҳам?» Гуфтам: "Оре, эй Расули Худо". Гуфт: «Саромади корҳо ислом аст, сутуни он намоз аст ва баландтарин мақоми он кӯшиш барои пешрафти дин аст». Сипас гуфт: «Оё туро аз асли ҳамаи онҳо хабар диҳам?» Гуфтам: "Оре, эй Расули Худо". Пас ба забонаш ишора карду гуфт: «Инро нигоҳ дор!» Гуфтам: "Эй Паёмбари Худо, оё барои он чи мо мегӯем, накӯҳиш карда мешавем?" Сипас гуфт: «Модарат дар мотамат нишинад, магар одамонро бар рӯйҳояшон - ё ин ки гуфт: бар биниҳояшон– ба ҷуз маҳсули бади забонҳояшон боз барои чизи дигаре ба оташ меафкананд?!» [Яъне ҷазои касе, ки дар байни мардум бадгӯӣ карда мегардад ин аст, ки ӯ аз рӯяш ва ё аз бинияш кашида-кашида ба дӯзах андохта мешавад].

[Саҳеҳ ба маҷмуъи ривоятҳояш] [رواه الترمذي وابن ماجه وأحمد]

Муъоз (разияллоҳу анҳу) мегӯяд: Дар сафаре ҳамроҳи Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) будам ва рӯзе ҳангоми роҳ рафтан ба ӯ наздик шудам ва гуфтам: Эй Расули Аллоҳ! барои ман амалеро бигӯ, ки манро ба биҳишт дохил кунад ва аз дӯзах дур созад. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: Дар бораи чизе аз ман пурсидӣ, ки амал карданаш бар инсонҳо бузург аст. Аммо он бар касе, ки Худо барояш осон гардонад, осон аст. Фарзҳои Исломро анҷом деҳ: Якум: Танҳо Аллоҳро ибодат кун ва касеро бо Ӯ шарик қарор мадеҳ. Дувум: Намозҳои панҷгона (бомдод, пешин, аср, шом,

хуфтан)-ро дар шабонарӯз бо шартҳо, аркон ва воҷиботаш анҷом бидеҳ. Севум: Закоти фарзиро бидеҳ. Ин ибодати молист, ки дар ҳар моле, ки ба ҳадди муайяни шаръӣ расида бошад, баровwarда ва ба соҳибҳаққонаш дода мешавад. Чаҳорум: Моҳи Рамазонро рӯза бигир. Яъне, худдорӣ аз хӯрдану нӯшидан ва дигар ботилкунандаҳои рӯза бо нияти ибодат, аз тулӯи субҳ то ғуруби офтоб. Панҷум: Бо қасди адои маносик ба Макка меравӣ ва бо нияти ибодат ба Худованд ҳаҷҷи байтуллоҳ (Каъба)-ро анҷом медиҳӣ. Сипас Паёмбари Аллоҳ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: Оё ба он роҳе, ки туро ба сӯи дарҳои некӣ мебарад, роҳнамоӣ кунам? Он роҳ анҷом додани навофил баъди фароиз аст: Аввал: Рӯзаи нафлӣ, ки инсонро аз воқеъ шудан дар гуноҳон нигоҳ медорад, тавассути шикастани шаҳват ва заиф сохтани нерӯи нафс. Дуюм: Садақаи нафл (ихтиёрӣ) гуноҳро пас аз анҷомаш хомӯш мекунад, онро аз байн мебарад ва асарашро пок месозад. Севум: Намози таҳаҷҷуд, ки дар сеяки охири шаб хонда мешавад. Сипас Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ин оятро хонд: (Паҳлуҳои онҳо аз бистарҳо дур мешаванд) (Парвардигори худро (бо намоз, зикр, тиловат ва дуо) мехонанд) (Аз рӯи тарсу умед ва аз он чи ба онон додаем инфоқ мекунанд, ҳеҷ кас намедонад чи неъматҳое, дар рӯзи қиёмат, ки боиси равшании чашмони онон мешавад ва неъматҳои биҳиштро бароящон ниҳон доштаем), (ҳамчун подоши аъмоле, ки анҷом медоданд). Сипас Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: Оё туро аз асли дин ва сутуни он, ки ба он такя дода шудааст ва баландтарин қуллаи он хабар диҳам? Муъоз (разияллоҳу анҳу) гуфт: Оре, эй Паёмбари Аллоҳ. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: Сaромади корҳо ислом шаҳодатайн аст ва бо ин ду инсон соҳиби асли дин мешавад. Ва сутуни он намоз аст, пас ислом бидуни намоз вуҷуд надорад. Чунон ки хона бесутун намешавад, пас ҳар ки намоз хонад динаш муҳкам ва манзилаташ боло меравад ва баландтарин мақоми он ҷиҳод ва кӯшиш намудан дар мубориза ва ҷанг бо душманони дин барои пешрафти дин аст. Сипас Паёмбари Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: Оё намехоҳӣ аз комилсозӣ ва неку анҷом додани он чи гузашт, туро хабар диҳам? Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ба забони худ ишора карда, гуфт: Инро нигоҳ дор (яъне, забонатро) ва дар бораи чизе, ки ба ту рабте надорад, ҳарф мазан. Муъоз гуфт: Оё Парвардигори мо моро ба ҳар чизе, ки ба забон меорем, бозхост ва ҳисобу ҷазо мекунад? Паёмбари Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Фақадатка уммука!" — яъне: Модарат туро гум кунад! Аммо мақсад аз ин лаънат ё дуои бад нест, балки ин ибораест дар забони арабӣ барои ҷалби таваҷҷуҳ ва танбеҳ додан ба чизе муҳим. Сипас фармуданд: Оё мардумро ба хотири ҳосили забонҳояшон (яъне гуфторашон) рӯбарӯ ба дӯзах намеандозад? Аз қабили: куфр, туҳмат, дашном, ғайбат, суханчинӣ, буҳтон ва монанди инҳо.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4303

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee